**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиноси, дотсент,
генерал-майори милитсия
_________________ Насуриён П.А.
«_25_» _____ноябри_____ соли 2025

**ПРОТОКОЛИ №4**
ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

**аз 29-уми ноябри соли 2025** **ш. Душанбе**

**Раис: н.и.ҳ., дотсент, подполковники милитсия Заробидинзода С.З.**
**Котиб: н.и.ҳ., подполковники милитсия Аҳёзода Ш.Т.**

**Иштирок доштанд:** сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психология, н.и.ҳ., дотсент, подполковники милитсия Заробидинзода С.З., муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, д.и.ҳ., дотсент, полковники милитсия Раҳмадҷонзода Р.Р., профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А., муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ. Мирзоев Қ.Х., профессори кафедра, н.и.х., подполковники милитсия Аҳёзода Ш.Т., дотсенти кафедра, полковники милитсия Ҳусейнзода С.Ҳ., муаллимони калони кафедра, полковники милитсия Файззода С.С., подполковники милитсия Сунатуллозода У.С., подполковники милитсия Ҳайдарзода Д.П., муаллимони кафедра, капитани милитсия Карамшозода Ф.Ш., капитани милитсия Анвариён Ш.Ш., капитани милитсия Файзализода Ф.С., лейтенанти милитсия Гурезов К.Ҷ., Маҳмудзода Б.Н., Сафаров Ш.Ҷ., сардори кабинети кафедра, лейтенанти калони милитсия Ҷононаи З.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

**Роҳбарии илмӣ:** Шарипов Тақдиршо Шарипович, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Саидзода Меҳрубон Акбархон баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, зикр кард, ки падидаи иҷтимоӣ дар намуди худкушӣ тибқи муқаррароти омори расмӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозае паҳншуда ба ҳисоб меравад. Аз ҷиҳати микдори ҳодисаҳои худкушӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миёни дигар кишварҳо мавқеи назаррасро ишғол менамояд.

Таҷриба ифодагари он аст, ки на ҳамаи худкушиҳо таркиби ҷиноятро доро мебошанд. Чунончи, дар соли 2019 – 632, 2020 – 483, 2021–569, 2022 – 487, 2023 – 456 ҳодисаҳои худкушӣ ва суийқасд ба он ба қайд гирифта шуда, аз ин шумора мутаносибан дар соли 2019 – 51 ҷиноят, 2020 – 42 ҷиноят, 2021– 45 ҷиноят, 2022 – 48 ҷиноят, 2023 – 48 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст.

Бояд дар хотир дошт, ки рақамҳои зикршуда баёнгари вазъи воқеии ҷинояти ба худкушӣ расонидан намебошанд, чунки ҷинояти мазкур бинобар номукаммалии ҳуқуқию техникии моддаи 109 КҶ ҶТ ва ҳам мураккабӣ ва духӯрагии мафҳуми худкушӣ ва тафриқабандии ба худкушӣ расонидан (моддаи 109 КҶ ҶТ) аз одамкушӣ (моддаи 104 КҶ ҶТ) хусусияти норавшаниро доро мебошад.

Диспозитсияи меъёри қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ба худкушӣ расонидан бо чунин шакле ифода гардидааст, ки ҷиҳати тафриқагузории он ҳамчун кирдори барои ҷамъият хавфноки бо қонунгузории ҷиноятӣ манъшуда бо дигар кирдорҳое, ки ҷиноят эътироф намегарданд, таъмин намекунад.

Набудани равиши мунтазами таҳқиқи масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан, ки дар номуайянии мазмуни мафҳуми ба худкушӣ расонидан, тарзи содир намудани он, номукаммалии таҳияи тавсияҳои илман асоснок барои бандубасти ба худкушӣ расонидан зоҳир мешавад, муқовимат ба ҷинояти пешбининамудаи моддаи 109 КҶ ҶТ-ро душвор мегардонад.

Ҳолатҳои мазкур интихоби мавзуи таҳқиқ ва мубрамии онро собит кардаанд.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Мақсади таҳқиқоти илмӣ аз гузаронидани таҳлили илмии ҳамаҷонибаи таркиби ба худкушӣ расонидан, таҳияи пешниҳод оид ба такмили меъёри қонунгузории *ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои ба худкушӣ расонидан* муқаррар менамояд ва амалияи татбиқи онро фарогир аст, иборат мебошад.

Барои расидан ба мақсадҳои ишорагардида ба таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– таҳлили мафҳум, сабабҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва ба ҷамъият хавфнокии ба худкушӣ расонидан;

– омӯзиши инкишофи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан;

– баррасии хусусияти ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ;

– таҳқиқи илмии объект ва предмети ба худкушӣ расонидан;

– таҳқиқи илмии аломатҳои тарафи объективии ба худкушӣ расонидан;

– таҳқиқи илмии аломатҳои субъекти ба худкушӣ расонидан;

– таҳқиқи илмии аломатҳои тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан;

– коркард ва таҳияи пешниҳод оид ба такмили танзими қонунгузорӣ ҷиҳати ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, равиш, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан навгонии ҷиддӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан, дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии кишвар ба ҳисоб меравад.

Натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳод ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан иборат мебошад. Хулосаҳо ва нуқтаҳои илмие, ки дар рафти таҳқиқи диссертатсия ба даст омадаанд, метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои қонунгузории миллӣ, алалхусус қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Инчунин, маводҳои диссертатсия ҳангоми тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ, лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълими ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асос хизмат карда метавонанд.

Эътимоднокӣ ва дурустии аксари мушаххасоти илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтааст, дар вусъат ва гуногунии заминаи сарчашмаҳои хуб таҳияшуда таъмин карда мешавад, гузаронидани баҳсҳои дуруст, бо истифода аз усулҳои илмӣ, маводи дуруст интихобшуда бо дарназардошти мавзуи таҳқиқи диссертатсия ба муаллиф имкон медиҳад, ки вазифаҳои дар наздаш гузошташударо пурра иҷро намояд. Ҳангоми таълифи рисола муҳаққиқ як қатор адабиёти ҳуқуқӣ ва дигар асарҳоро кор карда, ба доктринаи муосир ва ватанӣ муроҷиат кардааст. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, таҳлили як қатор таҷрибаи судӣ оварда шудаанд, бармеоянд.

Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисола илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ва меъёрии ҳуқуқии Конститутсияи Ҷумурии Тоҷикистон, КҶ ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ, қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ба даст омадаанд.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда барои таълими фанҳои тахассусӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва криминология аҳаммияти калон доранд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., н.и.ҳ., подполковники милитсия Заробидинзода С.З., н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А., н.и.ҳ. Мирзоев Қ.Х. ва н.и.ҳ. Аҳёзода Ш.Т. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Саидзода Меҳрубон Акбархон ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан, роҳбари илмии унвонҷӯ профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Такдиршо Шарипович баромад намуда, оид ба фаъолияти илмву омӯзгории Саидзода М.А. иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои барномавии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.8 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент, подполковники милитсия Заробидинзода С.З. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокима иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ., подполковники милитсия Аҳёзода Ш.Т., н.и.ҳ., дотсент Камолов З.К. ва н.и.ҳ. Мирзоев Қ.Х., баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқикро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Саидзода М.А. муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 10 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳод ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Саидзода Меҳрубон Акбархон ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 29-уми ноябри соли 2025 №4 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 17 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раискунандаи ҷаласа:**
Сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
подполковники милитсия Заробидинзода С.З.

**Котиби ҷаласа:**
Профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
подполковники милитсия Аҳёзода Ш.Т.

Имзои Заробидинзода С.З. ва Аҳёзода Ш.Т.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.
«_29_» _ноября_ соли 2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Веб сайт: www.avkd.tj. E-mail: avkdtj@mail.ru